# Артиши миллӣ-сипари боэътимод
# ва омили зиндагии ободу осудаи кишвар

*Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. (Моддаи 43 – и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Барои он, ки дар бораи Артиши миллӣ –ҳамчун сипар ва ҳимояттари кишвари азизамон сухан ронем, мехоҳам аз таърихи гузаштагонамон, аниқтараш аз подшоҳи хирадманду адолатпеша, номбардору қавиирода ва сарлашкари тавоное, ки бо тадбиру салоҳ ва талошҳои ҷонгудозе давлати Сомониёнро ривоҷу равнақ ва нашъу намо дод, Амир Исмоили Сомонӣ ёдовар шавем.

Дар даврони ин шахси таърихӣ ва миллатдӯсту ватанпарвар давлати Сомониён, ҳамчун як давлати тамадунофар ба яке аз давлатҳои мустақилу мутаммарказ табдил ёфт. Суханони ин сарлашкари бузургу тавоно рӯҳияи халқ ва миллатро баланд бардошта, ба оянадаи нек онҳоро роҳнамоӣ менамуд, ки чунин гуфта буд: «То вақте ки зиндаам, Бухороро ба мисли девори бегазанд ҳифз менамоям».

Дар ҳақиқат Исмоили Сомонӣ девори мустаҳками Бухоро, девори нангу номусу миллӣ, шаъну шарафу ифтихори миллати тоҷикон, нахустин шоҳ ва сарлашкаре буд, ки бо ҷавонмардиву диловарӣ, фарҳангу адабпарварӣ, адолатҷӯиву додхоҳӣ, хирадмандиву фазлу дониши баланд, инсонпарварию раъиятдӯстӣ шӯҳрти олам гашта буд.

Аз анъанаю хирадмандиҳои гузашагони бузурги худ ёд оварда, назар ба Артиши миллии худ менамоем.

Мусаллам аст, ки санаи 23-феврал рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз таъсиси Артиши миллӣ 28 сол пур мешавад. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи истиқлолият буда, дар шароити бениҳоят вазнину душвор таъсис ёфтаанд.

Аммо ба ин шароити вазнин нигоҳ накарда, Артиши навтаъсису ҷавони Тоҷикистон, дар солҳои душвору фоҷеабори мамлакат, ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомии кишвар дар ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, ҳимояи марзҳои Ватан, барои якпорчагии кишвар, безарар гардонидани

гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткории трансмиллӣ ва хомӯш кардани ошӯбҳои хиёнаткорона бар зидди давлат ва ҷомеа саҳми бебаҳо, сазовор ва ҷавонмардона гузоштааст.

Ҳар яки моро мебояд, ки новобаста аз синну сол, мақому мазалат, ақидаҳои сиёсӣ, шукронаи истиқлолият ва шукргузорӣ аз хонаи обод намоему дар рушду нумӯ ва ободу зеботар гаштани Ватани азизамон саҳми хешро гузорем.

Мо ба оқибатҳо ва натиҷаҳои пуралами ҳаводиси бархӯрдҳои босилоҳи шаҳрвандони кишварамон бо ҳазор афсӯсу ҳайрат нигариста, бори дигар ба хулосае омадем, ки бояд тамоми ҷомеа ба тарбияи ватанпарварӣ, баланд бардоштани маърифатнокии наврасону ҷавонон ва эҳсоси баланди инсондӯстию ватандорӣ рӯй орем, зеро фақат инсонҳои ватандӯст метавонанд аз манфиатҳои гурӯҳӣ, шахсӣ ва хешу таборӣ сарфи назар карда, дар ҳимояи ҳадафҳои умумимиллӣ барои дифои Ватан содиқона талош варзанд.

Ҳеҷ аз хотир бароварда наметавонем рӯзҳои сахту сангини миллати азизамонро, дар давоми ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум, ки ин қадар ҳамватанонамон азобу уқубат кашиданд. Фақат ақли солим, нерӯю хирадмандӣ, дурандешию кордонии фарзандони содиқ ва сарсупурдаи миллат, бахуссус ҷавонмарди далеру шуҷоъ ва назаркардаи Худованд Эмомалӣ Раҳмон халқ ва миллати тоҷикро аз вартаи даҳшати оташи хонумонсӯз, аз нестшавии миллат ва давлат баровард.

Албатта, дар бунёдгузории Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ хизмати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бебаҳо ва арзишмандтарин мебошад. Дар айёме, ки собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ саргарми тақсими мероси ИҶШС буданду танку аслиҳа, тайёраҳои ҷангӣ воситаҳои зидди ҳавоӣ, стансияҳои муосири радиолокатсионӣ ва ғайраҳоро ба мерос мегирифтанд ва дар заминаҳои мусоид Артишҳои миллии худро таъсис доданд, дар ҷумҳурии мо ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ идома дошт.

Дар таърихи 17 сентябри соли 1992-ум Фармони иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Таъсиси Вазорати мудофиа, пеш аз ҳама, бо амри зарурат пеш омада буд. То ин муддат ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС артишҳои худро дар шароити осоишта ба низом даровардa буданд.

Бо роҳи ҷалб намудан ва зери парчами худ фаро гирифтани гурӯҳҳои мусаллаҳи худмудофиаи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ва ҷавонону собиқадороне, ки ҳисси миллӣ дар вуҷудашон аланга мезад, асос ёфт ва заминагузорӣ гардид ба таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ аз рӯи қонунҳои беамони худ дар солҳои 1992-1994-ум ба шадидтарин марҳила расида буд. Гурӯҳҳои силоҳбадаст касеро итоат намекарданд. Манфиатҳои гурӯҳӣ ва шахсии худро дар мадии аввал гузошта, ғоратгарию ноадолатӣ, қатлу куштор ва мазҳабпарастӣ оҳиста-оҳиста бозиҳои сиёсиро ба ғасби давлат ва табодулоти давлатӣ оварда расонид.

Ҳама шохаҳои давлатдорӣ, ки мамлакатро мебоист идора намоянд заифу бетараф ва беқадру беарзиш гардида буданд. Албатта сабабҳои чунин вазъият ба амал омаданаш дар мамлакат аз як ҷиҳат масъалаҳои дохилӣ бошад, омили дигар ва асосиаш ин даxолати мамлакатҳои беруна низ буд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва ба эътидол овардани вазъи ба миён омода як қатор тадбирҳо амалӣ гардида бошанд ҳам, вазъият ҳанӯз муташанниҷ буд.

Қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Дар бораи аз ҷавобгарии ҷинояти интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар минтақаи мухолифатҳои мусаллаҳона ҷиноят содир кардаанд»** ва **«Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои барои саломатӣ ва ҳаёти одамон хатарнок»** дарҳол натиҷаи дилхоҳ надоданд. Дар чунин вазъияти душвор, ки тамоми шохаҳои ҳокимият фалаҷ ва корношоям гардида буданд, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари сиёсӣ ба сари давлат омад. Ӯ бо азми устувор ва ҷасорати беҳамто ҳамчун сиёсатмадори тавоно дар чунин вазъияти печидаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ, баҳри наҷоти Ватан ва миллат ба иҷрои вазифаҳои таърихии худ шурӯъ намуд. 18 декабри соли 1992 бо имзои Эмомалӣ Раҳмон қарори раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллиро фароҳам оварd.

Мудофиаи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷода Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид намудаанд: «Барои насли наврас яке аз муҳимтарин мактаби обутоби ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҷавонписарон шуҷоату

мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт – дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд».

Хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини сулҳу субот, амнияти давлат ва мардум, таҳкими ваҳдати миллии кишварамон нақши барҷаста ва бузург доранд.

Пойдорӣ ва устувории пояҳои Артиши миллӣ аз тартибу низоми қатъии афсарону аскарон вобаста мебошад, ки асоси онро риояи ҳатмӣ ва бечунучарои қонун ва оинномаҳои ҳарбӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, интизом ва тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ташкил медиҳад.

Хизматчиёни ҳарбӣ бояд дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву ваҳдати миллӣ тарбия ёфта, бо рафтору кирдори худ рамзи далериву шуҷоат ва ҷавонмардиву матонат бошанд.

Барои он ки ин давлати баъд аз садсолаҳо ба даст омада, ин марзу бум ва ин сарзамини воқеан биҳиштосо насиби ҷовидонаи миллати куҳанбунёди тоҷик бошад, мову шумо ва насли ҷавони имрӯз бояд бо эҳсоси гарми ифтихормандӣ давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлоли худро дӯст дорем. Ҳар ваҷаб замини онро чун гавҳараки чашм ҳимоя карда, ба хотири ободиву шукуфоиаш талош варзем.

Дар баробари дигар мақомотҳо ва сохторҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯзҳо ҷузъу томҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи ҷудонашавандаи Артиши миллии Тоҷикистон буда, вазифаҳои ба худ хосро дорост, ки барои арзишмандтарин муқаддасот, эътино, ҳифз, наҷоти халқу миллати тоҷик, ҳифзи арзишҳои миллии он, пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ, гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва маҷмӯи чорабиниҳои мудофиавӣ нигаронида шудаанд.

Ҷузву томҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама чорабиниҳои чи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чи дар сатҳи берун аз Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, ҳама гуна вазифаҳои дар наздашон гузошташударо сарбаландона ба ҷо меоранд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо дар сатҳи такомул ва

инкишоф қарор дошта, дорои кадрҳои баландихтисоси касбӣ, мутахассисони дорои маҳорату малакаи баланди тахассусӣ мебошад. Заминаи моддӣ-техникии Кумита даҳчанд гардида, бо техникаҳои махсусу муҳандисӣ, таҷҳизоту лавозимотҳои пешрафтаи замонавӣ ва комплексҳои олидараҷаи мушакпаронӣ муҷҷаҳаз мебошад.

Ҳамаи ин пешравиҳо ва рушди босуръати самтҳои гуногуни Артиши миллии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки халқу миллати тоҷик ба хусус хизматчиёни ҳарбии Тоҷикистон аз сиёсати хиратмандонаи Ҳукумат ва роҳнамоии оқилонаи Сарфармондеҳи олии кишвар, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон пуштибонӣ намуда, барои рушду ташаккул ёфтани вазъи сиёсию иқтисодӣ, ҳарбию иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии меҳани ҷоноҷонамон тамоми қуввату қудрати худро дареғ намедоранд.

Дар охир ба ҳама сарбозону афсарон, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман ба ҳама родмардони шӯҷоъи кишвар, ки барои ҳифзу ҳимоя ва гулгуншукуфоии Тоҷикистони азиз сина сипар кардаанд, дар ин ҷашни пуршукӯҳ сиҳатию саломатӣ, иқболу обурӯ, бурдборию комёбиҳо, сарфарозию хушбахтиҳо ва осмони софу беғуборро таманно дорем.

Тоҷикистон ба пеш, ба суи фатҳи қуллаҳои баланд!

**Сардори шуъбаи кор бо марказҳои таълимӣ-методии вилоятҳо ва курсҳои минтақавии Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**подполковник**
**Гадоев Маҳмадтоҳир Саидович.**